«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқӣ системавии рушди кишоварзии АИКТ, д.и.и., профессор академик Пиризода Ҷ.С.

«20» 01 с.2024

**Хулосаи**

Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

**(протоколи 0/1 аз 10.01.2024)**

Ба кори диссертатсионии унвонҷӯ Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзӯи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ. Диссертатсия дар шуъбаи «Омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агро-саноатӣ»-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна соли таваллуд 1974, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 1992 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 1998 Донишгоҳи мазкурро аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Соли 2002 ба Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ барои гирифтани маълумоти дуюм дохил шуда, соли 2005 донишкадаи мазкурро ба ихтисоси иқтисодчӣ-бозрасии андоз, андоз ва андозбандӣ хатм намудааст.

Баъди хатми донишгоҳ собиқаи кориашро оғоз намуда, дар вазифаҳои зерин фаъолият намудааст.

Солҳои 1992-1993 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси котиба-машинисткаи садорати донишҷӯёни хориҷӣ.

Солҳои 1993-1994 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси котиба-машинисткаи факултети филологияи тоҷик.

Солҳои 1994-2000 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси танзимгари шуъбаи рӯзонаи факултети Шарқшиносӣ.

Солҳои 2000-2007 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси лаборанти калони кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ.

Соли 2007 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ.

Солҳои 2012-2013 дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода ба ҳайси ассистенти кафедраи таърих ва назарияи иқтисодӣ.

Солҳои 2013-2015 дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода ба ҳайси муаллими калони кафедраи таърих ва назарияи иқтисодӣ.

Солҳои 2015-2017 дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода ба ҳайси муовини декан оид ба таълими факултети Забонҳои шарқ.

Солҳои 2017-2023 дар Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода ба ҳайси роҳбари бахши таҷрибаомӯзӣ ва карера фаъолияти меҳнатӣ намудааст.

Аз моҳи майи соли 2023 дар Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода дар вазифаи муаллими калони кафедраи фанҳои табиӣ-риёзӣ кор ва фаъолият менамояд.

Дар асоси Фармоиши Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ таҳти рақами 23-К аз 11 майи соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи Институт барои дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои иқтисодӣ қабул гардидааст. Тадқиқоти илмиашро дар мавзӯи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ, таҳти роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ашуров И.С. (протоколи 5 аз 30.05.2018) оғоз намудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Ашуров Ихтиёр Саидович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Словянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муқарризон:**

- **Пиризода Ҷалил Сафар** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, директори Инстиути иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.
- **Ахмедов Давлаталӣ Ҳайталиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи "Омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ"-и Инистути иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот.**

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои бозоргонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тадбирҳои ҳаматарафаи дастгирии давлатӣ соҳибкории хурду

миёна нақши муҳимро иҷро менамояд. Самаранок фаъолият намудан дар истеҳсолоти агросаноатӣ, шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидор дар соҳаи кишоварзӣ махсусан бахши хусусӣ яке аз омили муҳимтарини рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозор ба ҳисоб меравад. Дар соҳаи кишоварзӣ шаклҳои нави хоҷагидорӣ аз ҷумла: коллективӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), кооперативҳои истеҳсолӣ, саҳоммӣ ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ табдил дода шудаанд. Айни замон, тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 62,0 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ рост меояд.

Шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ рушд ёфта истода бошад ҳам, асосҳои илмии пешрафти он ва омилҳои мусбию манфии таъсиррасон ба ин раванд зери таҳлил қарор нагирифтаанд.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ, ҳамчун маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва беруна, ки мустақим ва ё ғайримустақим ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, фаҳмида мешавад. Муҳити макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ барои рушди соҳибкорӣ муҳити объективӣ ва вазифаҳоест, ки новобаста аз манфиатҳои иқтисодӣ бояд муҳайё карда шавад. Барои ноил шудан ба муваффақият дар сатҳи иқтисодиёт, соҳибкорон бояд ҳамаи омилҳо ва шароити берунаро хуб донанд, то таъсири онҳоро ба натиҷаҳои ниҳоии тиҷорати худ дарк кунанд.

Аз ин лиҳоз, омузиши илмии масъалаи мазкур таҳқиқоти илмиро тақозо менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёмҳо ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2021 ироа шудаанд, “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020)”, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавзуъҳои илмии Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон робитаи бевосита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** омӯзиши муқаррароти назариявӣ, методӣ ва амалии муҳити молиявии соҳибкорӣ мебошад, ки имкон медиҳанд ҳолати муҳити молиявии соҳибкориро муайян ва самтҳои асосии таҳкими онро пешниҳод намояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:**

- таҳқиқи асосҳои илмӣ-назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ;
- муайян намудани омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ;
- таҳқиқи таҷрибаи муҳити молиявии соҳибкорӣ дар хориҷа;
- таҳлили ҳолати муосири муҳити молиявии берунаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;
- баҳои ҳолати муосири микромуҳит ва макромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;
- пешниҳод намудани самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ тавассути:
  - таҳияи стратегияи молиявӣ, чун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ;
  - таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ;
  - танзими давлатии фазои соҳибкорӣ дар пояи асосии таҳкими муҳити молиявии он.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккул ва рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макро ва микроиқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзӯъи таҳқиқот** маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳои рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Бар пояи муқаррароти ибтидоие замина гузоштааст, ки дар ҳолати илман асоснок намудани раванди такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ бо назардошти пиёда гардонидани матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ пешниҳодшуда, ки ба ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ, бо роҳи ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ, метавонад боиси таҳкими муҳити молиявии рушди соҳибкорӣ, ҳам дар сатҳи макроиқтисод ва ҳам дар сатҳи микроиқтисод гардад, асос ёфтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Муқаррароти бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳисоботҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии

рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи амвол ва сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмӣ истифода шудаанд. Диссертатсия вобаста аз муносибатҳои методологӣ, ба таҷрибаи таърихии рушд ва ислоҳоти иқтисодиёт такя намуда, роҳҳои такмил додани муҳити молиявии соҳибкориро дар Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Ҳангоми иҷрои рисолаи илмӣ – таҳқиқотӣ маълумотҳои расмӣ, қонунҳо ва қарорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ доир ба ин масъала истифода бурда шудаанд. Нашрияҳо, рӯзномаю маҷаллаҳо оид ба таъмин кардани аҳолии деҳот бо шуғл, озуқаворӣ, нигоҳдорӣ ва ҳимояи сатҳи баланди зиндагӣ, ба кор ҷалб намудани ҷавонон, низ зминаи таҳқиқотро таъмин намуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо: вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои кишоварзӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои методӣ: меъёрҳо ва стандартҳо, ҳисоботи ташкилотҳои лоиҳакашӣ, рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ оид ба масъалаҳои омӯхташуда ва маърӯзаҳои кори амалии муаллиф оид ба асосҳои техникӣ-иқтисодӣ ва ғайра ташкил доданд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Муайян намудани асосҳои назариявӣ ва методологии муҳити молиявии соҳибкорӣ ва таъсири он ба рушди нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодӣ, инчунин асосноксозии самтҳои асосии такмили он дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ иборат мебошад.

- дар асоси тадқиқоти назариявии ибораи муҳити молиявии соҳибкорӣ нуқтаи назари муаллиф пешниҳод гардидааст, ки дорои чунин мазмун мебошад. Муҳити молиявии соҳибкорӣ «ҳамчун вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ, илмӣ-технологӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ки дар кишвар ташаккул ёфта, ба шаҳрвандони қобилиятнок ба фаъолияти соҳибкорӣ озодии иқтисодӣ шароит фароҳам оварда, ба қонеъ гардонидани талаботи ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ нигаронида шудааст, ки дар доираи ин муҳит соҳибкорон амал мекунанд».
- таҷрибаи истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои назорати самаранокии чорабиниҳои дастгирии давлатии корхо-

наҳои хурд ва миёнаи Ҷопон, ташкили марказҳои таълимӣ ва таҳия намудани тавсияҳо барои кормандони роҳбарикунандаи тиҷорати хурду миёнаи Чин, гирифтани машваратҳои онлайнӣ оид ба гирифтани қарз, машварати ширкатҳои суғуртаи Фаронса, пешниҳоди қарз ба соҳибкорони навтаъсис, ки аз давлат ба маблағи 50 ҳаз. евро қарзи имтиёзнокро бо мӯҳлати 20 сол дар Олмон, суғуртаи тиббии шахсони барои худмашғул коркунанда (25% кам кардани андозаи музди меҳнат барои корфармоён ва шахсони дар таъминоти онҳо қарордошта)-и ИМА, таъсиси “Фонди кафолатӣ барои рушди тиҷорати хурд"и Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои Тоҷикистон тавсия дода мешавад;

- ошкор карда шуд, ки дар шароити муосир муҳити молиявии соҳибкорӣ барои таъмини рушди иқтисодиёт ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба таҳким додан ниёз дорад, зеро сатҳи капитализатсия паст буда, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш дорад. Кӯшишҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути таҳкимдиҳии заминаи қонунгузорӣ, рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ ва коҳишдиҳии хавфҳои сармоягузорӣ натиҷаҳои зарурӣ надода истодаанд;

- роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ба самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ гуруҳбандӣ карда шуда, стратегияи такмили онҳо пешниҳод карда шудааст;

- модели консептулии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ таҳия карда шуда, роҳҳои такмили он бо назардошти риояи принципҳои асосии технологияи истеҳсолот, мақсаднок истифодабарии сармояи қарзӣ, пешгирии бавуҷудоии қарзҳои дебиторӣ ва сариваќт пардохт намудани қарзҳои кредиторӣ, таъмини ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ва таъмини талаботи хоҷагӣ бо воситаҳои гардон пешниҳод гардидааст.

- матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст, ки ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамкорӣ бо восити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ, ташаккули симои мусбии соҳибкорӣ воситаи асосии таҳкими мақоми иҷтимоӣ ва баланд бардоштани эътибори фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

❖ асосноккунии моҳияти назариявии ибораи муҳити молиявии соҳибкорӣ ва пешниҳоди нуқтаи назари муаллиф;

❖ исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии бунёди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;

❖ исбот намудани он ки, дар шароити муосир муҳити молиявии соҳибкорӣ барои таъмини рушди иқтисодиёт ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар Тоҷикистон ба таҳким додан ниёз дорад;

❖ пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ;

❖ пешниҳод намудани модели консептулии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ ;

❖ пешниҳоди матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** иборат аз он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷ гардида, ба мукаммал гардидани донишҳои назариявию методии раванди таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар кор овардашуда метавонанд, ҳангоми такмилдиҳии заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи тадқиқшаванда, инчунин дар фаъолияти сохторҳои ҳокимияти маҳалии идоракунии давлатӣ оид ба масъалаҳои ҳалли рушди сармоягузорӣ истифода шаванд. Муқаррароти назариявие, ки дар диссертатсия ташаккул ёфтаанд, метавонанд ба таври назаррас маводҳои мавҷударо оид ба фанҳои «Менеҷмент», «Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ» пурра созанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллифон дар мавзӯи таҳқиқшуда, стратегияи миллии рушд барои давраи то солҳои 2030, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти соҳибкорони алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои назарсанҷии муаллиф ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шуданд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси 08.00.06.06. – Иқтисодиёти соҳибкории КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1.1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ: таҳияи методикаи ташкили фаъолият аз рӯи шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ;. 1.5. Таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ; 1.7.Ташаккул ва рушди низоми таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ; Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ (моҳият, принсипҳо, шаклҳо, усулҳо): самтҳои асосии ташаккул ва рушди низоми танзим ва дастгирии соҳибкорӣ; 1.20. Ташкили ҳамкориҳои сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорӣ; 1.23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Нақшаи иҷрои кори илмӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои он бо иштироки бевоситаи унвонҷӯй анҷом дода шуда, муаллиф метавонад тавассути он дар такмилдиҳии муҳити молиявии соҳибкорӣ саҳми худро гузорад ва тавсияҳои амалиро барои фаъолияти бомароми ин хоҷагиҳо таҳия намояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ - амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, Шӯрои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ АИКТ маърӯза ва баррасӣ гардида, баҳои мусбат гирифтанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Муқаррароти хусусияти методологӣ ва амалии кор дар ҷараёни таҳқиқот таҳияшуда дар раванди эҷоди навовариҳое истифода шуданд, ки муҳити молиявии сармоягузориро таҳким медиҳад.

Муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- Тавсияҳо барои таҳкими муҳити сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.
- Навгониҳои илмӣ, ҳамчун дастури методӣ дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ АИКТ истифода мешавад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия шомили сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва адабиёти истифодашуда, дар 165 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шудааст ва аз 36 ҷадвал, 6 расм иборат мебошад.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Муқаррарот ва натиҷаи асосии таҳқиқоти мазкур дар 15 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 9 -тои онҳо дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳое, ки дар рӯйхати маҷаллаҳо ва

нашриёҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда чоп шудааст. Ҳаҷми умумии мақолаҳои нашршуда оид ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ 4,71 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Мақолаҳои асосии муаллиф дар робита ба мавзӯи таҳқиқот:**

**А) Интишорот дар нашриёҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[М - 1] Баҳодурова Қ.Қ., Гулов И.Ҳ., Тоҳирҷонов Б.Т., Кабиров С.Ҷ., Ашурзода С. Баҳои сифати зиндагии аҳолии деҳот [Матн] И.Ҳ. Гулов, Б.Т. Тоҳирҷонов, С.Ҷ. Кабиров, Қ.Қ. Баҳодурова, С. Ашурзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар- 2018. №1/4(57). Қисми 2, саҳ. 169-175. ISSN: 2663-5534 150, [0,08 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 2] Баҳодурова Қ.Қ. Управление рынком банковских услуг в условиях переходной экономики [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. Бохтар-2018. 1/4(57), саҳ.118-125, [0,5 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 3] Баҳодурова Қ.Қ., Ашуров И.С., Сафарова А.Ҷ. Моҳияти илмии бехатарии озуқаворӣ [Матн] И.С. Ашуров, А.Ҷ. Сафарова, Қ.Қ. Баҳодурова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. Бохтар-2018. 1/4(57), саҳ.175-180, [0,12 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 4] Баҳодурова Қ.Қ., Расулов Ҷ.К., Сафарова А.Ҷ. Особенности инновационной деятельности в сельском хозяйстве [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, Ҷ.К. Расулов, А.Ҷ. Сафарова, // Кишоварз, маҷаллаи назариявӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. Душанбе - 2019 № 1 (54) саҳ 161-164, [0,08 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 5] Баҳодурова Қ.Қ., Расулов Ҷ.К., Насриддинов Ш.С. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва вазифаҳо [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, Ҷ.К. Расулов, Ш.С. Насриддинов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар-2019 1/2(62), саҳ.216-220, [0,10 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 6] Баҳодурова Қ.Қ. Асосҳои илмӣ-назариявӣ муҳити молиявии соҳибкорӣ [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Душанбе -2022 4(16), саҳ. 149-156, [0,12 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 7] Баҳодурова Қ.Қ., Ашуров И.С. Баҳои ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон [Матн] И.С.

Ашуров, Қ.Қ. Баҳодурова // Кишоварз, маҷаллаи назариявӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. Душанбе - 2023 № 3 (100), саҳ. 161-164, [0,12 ч.ч. муаллиф].

[М - 8] Баҳодурова Қ.Қ., Ашуров И.С. Муҳити молиявии соҳибкорӣ дар хориҷа [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, И.С. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сислсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқитисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе - 2023 № 9, саҳ 161-170, [0,62 ч.ч. муаллиф].

[М.9] Баҳодурова Қ.Қ., Ашуров И.С. Омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ / [Матн] Қ.Қ.Баҳодурова, И.С.Ашуров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. № 1 (17) Душанбе - 2023, саҳ. 77-84, [0,25 ч.ч. муаллиф].

[М.10] Баходурова Қ.Қ.Таҳияи стратегияи молиявӣ, ҳамчун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар-2023. ISSN 2663-5534 1/4 (116).саҳ.225-230. [0,37 ч.ч. муаллиф].

**Б) Дар дигар нашрияҳо:**

[М.11] Баҳодурова Қ.Қ. Маданияти соҳибкорӣ дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозорӣ [Матн] / К.К. Баходурова // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию-амалӣ (21-22 маи соли 2004) Интегратсияи иқтисодиёти ҶТ ба хоҷагии ҷаҳонӣ. Душанбе С 2004.-саҳ.-67-68. [0,12 ч.ч. муаллиф].

[М.12] Баҳодурова Қ.Қ Внедрение инноваций предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. [Матн] /Қ.Қ. Баҳодурова//. Тезис. Маводи конф. илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон бахшида ба ҷашнҳои “15-солагии истиқлолияти ҶТ”,”2700 солагии шаҳри Кӯлоб” ва “Соли тамаддуни ориёӣ”.с.2006. саҳ.216 [0,06 ч.ч. муаллиф].

[М.13] Баҳодурова Қ.Қ Хусусиятҳои танзимнамоии давлатии соҳибкории хурду миёна дар ҷомеаи ҷаҳонӣ. [Матн] /Қ.Қ.Баҳодурова//. Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ-назариявии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва коршиносони соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон бахшида ба 15 солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ. Душанбе- 2012 с.ISBN 978-99947-876-4-7. саҳ.258-262 [0,25 ч.ч. муаллиф].

[М.14] Баҳодурова Қ.Қ Масалаҳои асосии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Қ.Қ.Баҳодурова // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ-назариявии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва коршиносони соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон бахшида ба пешвози ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20 солагии ҷашни Иҷлосияи

таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе- 2012 с. ISBN 978-99947-910-4-0. саҳ. 200-206 [0,43 ҷ.ч. муаллиф].

[М.15] Баҳодурова Қ.Қ Женщины-предприниматели и их роль в развитии экономики Республики Таджикистан. [Матн] / Қ.Қ. Баҳодурова // Журнали Паёми донишкадаи забонҳо. 3(11). Душанбе 2013 с. ISSN 2226-9355/ саҳ.96-100 [0,31 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 16] Баҳодурова Қ.Қ. Дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова // маҷаллаи Паёми донишкадаи забонҳо. Душанбе - 2016 №3(23), саҳ.124-127, [0,25 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 17] Баҳодурова Қ.Қ., Раззакова Г.Х. Инновационное развитие предпринимательства в АПК Республики Таджикистан [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, Г.Х. Раззакова // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Эффективность использования финансово-кредитных механизмов и устанавление оптимальных пропорций финансовых ресурсов для обеспечения ускоренного и эффективного развития экономики Республики Таджикистан” / Донишгоҳи словянии Россия ва Тоҷикистон. (4 майи соли 2018). Душанбе, саҳ 61-65, [0,15 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 18] Баҳодурова Қ.Қ., Ашуров И.С., Ашурзода С., Зарубежный опыт государственного регулирования притока инвестиции в аграрную экономику [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, И.С. Ашуров, С. Ашурзода // Маводҳои мизи мудаввар дар мавзӯи «Создание условий для успешной экономической и коммерческой деятельности граждан Таджикистана в стране и за ее пределами» / Донишгоҳи словянии Россия ва Тоҷикистон. (29 марти соли 2019). Душанбе, саҳ 91-103. [0,27 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 19] Баҳодурова Қ.Қ., Самтҳои асосии муҳити рушди соҳибкории хурд [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Саҳми олимони форсу тоҷик дар омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ,дақиқ ва риёзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040” “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ,дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” / Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода (27.09.2021). Душанбе, саҳ. 53-70. [1,06 ҷ.ч. муаллиф].

[М - 20] Баҳодурова Қ.Қ., Проблемы государственной поддержки малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Саҳми олимони форсу тоҷик дар омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ,дақиқ ва риёзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040” “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ

дар соҳаи илму маориф" / Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода (27.09.2021). Душанбе, саҳ. 110-119. [0,62 ҷ.ч. муаллиф].

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзӯи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» муҳим буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

**ХУЛОСА:**

1. Ба рисолаи илмии унвонҷӯ Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна бо назардошти тавсияҳои муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ тағйироти ном ворид карда шавад, мавзӯи "Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон" дар таҳрири нав, зери унвони "Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)" табдил ва тасдиқ карда шавад.
2. Кори диссертатсионии Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзӯи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ, ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267)» ҷавобгӯ ҳисобида шавад.
3. Кори диссертатсионии Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзӯи «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, барои муҳокима ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 063 дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ қабул карда шудааст (протоколи №0/1 аз «10» январи соли 2024)

Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор - 14 нафар, Зид - Нест, Бетараф - Нест.

Раиси Шӯрои олимони Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ
д.и.и., профессор, академики АИКТ Пиризода Ҷ.С.

Котиби илмии Шӯрои олимони
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии АИКТ — Файзов Н.Б.

Муқарриз,
д.и.и., профессор, директори
олимони Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ
академики АИКТ — Пиризода Ҷ.С.

Муқарриз,
н.и.и., мудири шуъбаи омӯзиш ва
мониторинги сармоягузорӣ дар
комплекси агросаноатии Инистути
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ — Ахмедов Д.Ҳ.

Нозири шуъбаи кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ — Икромова М.Қ.
«10» 01 2024 с.

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734049 ш. Душанбе к. Ҳайёти Нав 306.
Тел: +992 37 2369201